Тақризи

**роҳбари илмӣ ба рисолаи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи: «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих).**

Маълум аст, ки бойгониҳо маҳфуздори сарчашмаҳои нодири дорои аҳамияти сиёсӣ, фарҳангӣ, маданӣ ва хоҷагидорӣ буда, онҳо аз таърихи пайдоиш ва инкишофи давлатҳо ва мардумон иттилоъ медиҳанд. Аз ин ҷост, ки ҳифз, нигаҳдорӣ, бахусус омӯзиши онҳо на танҳо вазифаи пажуҳишгарон, балки вазифаи ҳар як фарди ҷомеа маҳсуб меёбад. Азбаски, соҳаи бойгонидорӣ дар Тоҷикистон ба таври муттамарказу системавӣ танҳо дар нимаи аввали асри XX шакл гирифт ва минбаъд ҳамчун соҳаи мустақил арзи вуҷуд кард, минбаъд батадриҷ масъалаи омӯзиши ҷанбаъҳои мухталифи таърихи пайдоиш ва фаъолияти онҳо ба миён омад. Як далел овардан бамаврид аст, ки бойгонӣ дар ҳудуди имрӯзаи Тоҷикистон ҳанӯз дар Хуҷанди бостонӣ 9 апрели соли 1905 арзи вуҷуд кард. Агар имрӯз нигаҳдории маводҳои таърихӣ, бақайдгирӣ, таъмини бехатарию беосеб ва дақиқназарона ба ҳар як ҳуҷҷати мавҷудаю воридшаванда эътибори махсус додан ва онҳоро мавриди истифодаи умум қарор додан, вазифаи масъулиятноки ҳар як корманди бойгонӣ маҳсуб ёбад, пас таҳқиқи ҷанбаҳои мухталифи онҳо дар таърихи навтарини халқи тоҷик муҳиммияти махсус пайдо менамояд. Бавижа, агар таърихи фаъолияти бойгониҳои як минтақа, ё як ноҳия мавриди пажуҳиш қарор гирад. Дар ин маврид, рисолаи номзадии Обидов Р.Ҳ. дар мавзӯи «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» мубрам арзёбӣ мешавад. Аз рисола бармеояд, ки таҳқиқи таърих ва такомули фаъолияти бойгониҳои ҷумҳурӣ, дар мисоли Филиали Бойгонии

маркazии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор аҳамияти муҳимми илмӣ ва амалӣ дорад.

Сохтори рисола муназзам буда, иборат аст аз муқаддима, ду боб, ҳашт зербоб, хулоса, тавсияҳо, феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда ва замимаҳо.

Дар боби аввали рисола **“Бунёди тартиботи Шӯравӣ дар водии Ҳисор ва таъсиси бойгониҳо дар ҳудуди он”** масъалаҳои муҳим, аз ҷумла, бунёд ва мустаҳкам намудани ҳокимияти Шӯравӣ дар водии Ҳисор, таъсиси бойгониҳо ва фаъолияти онҳо дар минтақаи Ҳисор, маводҳои бойгонии Ҳисор доир ба Ҷангӣ Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) (солҳои 1941-1945), аз нав барқароркунии баъдиҷангӣ тибқи ҳуҷҷатҳои бойгонӣ дар минтақаи мазкур мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор мегирад. Дар мадди аввал таърихи барқароршавии Ҳокимияти Шӯравӣ дар минтақа ва минбаъд бойгониҳо меистад. Ҳангоми ҳаллу фасли ин масъалаҳо унвонҷӯ албатта ба маводҳои бойгонӣ такя менамояд ва далелҳои судманд меорад. Масалан, бо ақидаи унвонҷӯ, тибқи ҳуҷҷатҳои дар Филиал маҳфуз, аҳолии ноҳияҳои зикршуда, аз рӯзҳои аввали ҶБВ дар набардҳо иштирок намуда, меҳнаткашони ақибгоҳ бошанд, шабу рӯз заҳмат кашидаанд. Маҳз аз ҳудуди ноҳияи Регар дар ин солҳо 4623 нафар ҷавонмардон сафарбар шуда, аз онҳо 2525 нафарашон ба Ватан барнагаштанду шаҳиду гумном шуданд. Ё ин ки мисоли дигар. Солҳои ҶБВ колхозичиёни хоҷагиҳои ноҳияи Ҳисор, Шаҳринав ва Регар ба фонди мудофиа пахта, шир, тухм, пашм, пусти ҳайвоноти калон ва хурд, чорвои шохдор, ба сохтмони калоннаи танкии «Колхозчии Тоҷикистон» ва эскадрилияи ҳавоии «Комсомоли Тоҷикистон» миллионҳо сӯм маблағ ҷамъоварӣ намуда, фиристоданд. Ин навиштаҳо бо далелҳои муътақиди бойгонӣ асоснок мешаванд. Дигар масъалаҳо низ зимни баррасӣ дар муқоиса бо дигар маводҳои мавҷуда (осори чопшуда) баррасӣ шуда, далелҳои амиқ аз маводҳои бойгонӣ оварда мешаванд. Масалан, дар ноҳияи Ҳисор тибқи маводҳои бойгонӣ, соли 1941 нақшаи истеҳсоли пахта 100 фоиз, маҳсулоти зироатӣ

100 фоиз, хӯроки чорво 100 фоиз, пашм 104 фоиз, шолӣ 94 фоиз иҷро шудааст.

**Дар боби дуюм “Манбаъҳои пуркунӣ, таркиби хазинаҳо, таъмини ҳифз ва усулҳои истифодабарии ҳуҷҷатҳои Филиали бойногии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор”** унвонҷӯ беш аз ҳама ба таркиби хазинаҳои филиали Бойгонии маркази давлатӣ дар шаҳри Ҳисор, нигаҳдорӣ ва истифодаи ҳуҷҷатҳо, санҷиш, барқарорсозӣ ва ташхиси арзишнокии ҳуҷҷатҳо дар ин бойгонӣ аҳамияти ҷиддӣ медиҳад.

Мусаллам аст, ки маводҳои бойгонӣ ҳамчун манбаи таҳқиқоти таърихи навини Тоҷикистон баҳо дода мешаванд. Бахусус, шарҳи хазинаҳои бойгонӣ, ки яке аз намунаҳои асосии он «тафсирот» мебошад, на танҳо дар кушодани мазмуну мундариҷаи ҳуҷҷатҳо, инчунин тадқиқи таърихии ин ё он муассиса ё ҳалли масъалаи илмӣ дар заминаи манбаъҳои ҳуҷҷатӣ аҳамияти муҳим пайдо менамоянд. Дар рисола минбаъд шарҳи хазинаҳои бойгонии минтақавии Ҳисор мувофиқи гуруҳҳо тақсимбандӣ мешаванд.

Чи тавре, ки маълум аст, рисола дар доираи татбиқи нақшаи корҳои илмӣ-таҳқиқотии кафедраи таърихи халқи тоҷики факултети таърихи Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ иҷро гардидааст. Дар ин макон, Обидов Р.Ҳ. муддати 3 сол ба ҳайси аспирант фаъолият кард.

Қабл аз он, ки аз саҳми шахсии ӯ дар ин пажуҳиш ҳарф занем, мехостам диққати шуморо ба чизи дигар ҷалб намоям. Бояд гуфт, ки унвонҷӯ Обидов Р.Ҳ. дар ин соҳа тасодуфӣ нест. Баръакс ӯ мутахассиси соҳаи бойгонишиносӣ буда, соли 2016 Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси таърихнигорӣ - архившиносӣ хатм намуда, аввал ба сифати бойгонишинос, сипас бойгонишиноси калон дар филиали Бойгонии маркази давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор кор кардааст. Ҳамзамон, директории Маркази курсҳои такмили ихтисоси кормандони соҳаи бойгонӣ ва коргузориро ба уҳда доштааст. Ӯ аъзои Комиссияти Маркази муттаҳидаи методии ташхисиву тафтишотии

Саридораи бойгонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Маҳз аз ҳамин давра тамоми нозукиҳои кори бойгонидориро аз худ намуда, баҳри густариши маводҳои таърихии дар Хазинаҳои бойгонӣ маҳфузбуда, мақолаҳои зиёде дар рӯзномаҳои ҷумҳуриявию ноҳиявӣ ба табъ мерасонад. Баъдан ба таҳияи китобҳо машғул мегардад ва дар ҳаммуаллифӣ чанд китоб ва як роҳнамо ба чоп мерасонад. Яъне, нахустин нишонаҳои фаъолияти илмии ӯ маҳз дар ҳамин давра, яъне то солҳои таҳсил дар аспирантураи кафедраи таърихи халқи тоҷики Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ пайдо мешаванд. Ҳамин буд, ки дар давраи таҳсил дар аспирантура ба фаъолияти таҳқиқотӣ ҷиддан машғул гардида, рисолаи номзадиашро саривақт барои муҳокима пешниҳод намуд.

Довталаб ба доираи таҳқиқотҳои илмӣ ҳуҷҷатҳои пурарзиши бойгониро натанҳо роҷеъ ба ҳаёти сиёсӣ, иктисодӣ ва иҷтимоии Ҳисор, инчунин роҷеъ ба ноҳияҳои ҳамҷавори Шаҳринаву Турсунзода ва собиқ ноҳияҳои Регар, Пахтаобод ва Алмосӣ ворид намудааст. Ҳамчунин, Рӯйхати хазинаҳои дар Филиал, Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар шаҳри Ҳисор мавҷудбударо тартиб дода, ба шакли “Роҳнамо”чоп кардааст. “Роҳнамо” ба ҳамаи ашхоси аз маводҳои бойгонии мазкур истфодабаранда ҷиҳати дарёфти саривақтии иттилооти зарурӣ кӯмак менамояд.

Таҳқиқоти Обидов Р.Ҳ. аз назари ман ба ҳайси роҳбари илмӣ, моҳияти илмӣ, илмӣ–маърифатӣ ва аҳамияти калони амалӣ дорад. Шояд дар даврони соҳибистиқлолӣ омӯзиши фаъолияти ин муассисаҳои басо муҳим муҳиму мубрам ба назар расад.

Натиҷаҳои назариявию амалӣ ва хулосаҳои пешкаш намудаи унвонҷӯ Обидов Р.Ҳ. дар 4 мақола, ки дар маҷаллаҳои илмии ба феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда ба табъ расидаанд ва дигар китобу мақолҳо, инъикоси хешро ёфтаанд.

Дар раванди таҳқиқот рисола чандин маротиба ва мушаххасан бо бобу фаслҳо аз ҷониби банда ҳамчун роҳбари илмӣ ислоҳу тағйиротҳо ворид карда шуда, самтҳои асосии фаъолияти илмии унвонҷӯ муайян карда шуд. Бисёр мушкилотҳои дар давоми кор пеш омада, бартараф гардиданд. Вобаста ба ҳамаи масъалаҳои навиштани рисола маслиҳатҳои мушаххас дода шуд.

Чи тавре ки маълум аст, ҳеҷ гуна кори илмӣ, бенуқсон буда наметавонад. Бовуҷуди кӯшишҳои зиёд, албатта баъзе камбудиву норасоиҳо аз назар дур мемонанд, зеро, ки кор бори аввал навишта шудааст. Онҳоро танҳо назари борикбини муассисаи пешбар ва муқарризони расмӣ хоҳанд дид.

Ҳамин тавр, навиштаҳои болоро ба инобат гирифта, бояд хулоса кард, ки рисолаи номзадии Обидов Рустам Ҳошимович дар мавзӯи: «Бойгонии минтақавии Ҳисор ҳамчун сарчашмаи муҳими омӯзиши таърихи навтарини Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих аз рӯйи ихтисоси 07.00.09 – таърихнигорӣ, маъхазшиносӣ ва методҳои таҳқиқоти таърихӣ (илмҳои таърих) анҷомёфта буда, дар доираи талабатҳои нисбати ин гуна корҳои илмӣ муқарраршуда навишта шудааст. Худи унвонҷӯ бошад бидуни шак сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих мебошад.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои
таърих, профессори кафедраи
таърихи умумӣ ва ватании
Донишгоҳи Славянии
Россия ва Тоҷикистон (ДСРТ) Муҳидинов Саидалӣ Раҷабович

Имзои С.Р. Муҳидиноври
тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи кадрҳои (ДСРТ)
Раҳимов Абдухамит Абдубасирович

734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, кӯч. М.Турсунзода, 30
Тел: + 992 93 521 92 74; E-mail: raja1956@mail.ru

28.10.2020